**ПРОТОКОЛ № 31-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 09-уми июли соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар азъоёни шурои диссертатсионӣ, 15 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

09-уми июли соли 2026, соати 10:00 дар толори шурои диссертатсионии факултаи биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, Буни Ҳисорак, "Шаҳраки донишҷӯён") ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-038 баргузор гардид. Вакти анҷоми ҷаласа: 12:15.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои биологӣ, академик Якубова М.М.
**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои биологӣ, дотсент Ҳамидзода Х.Н.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо ба ҳайати шуро аз 6-уми сентябри соли 2024, №318/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 15 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси 1.5.18. Ботаника диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника.

Диссертатсия дар кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Сатторов Раҳматулло Бобоевич – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Наврузшоев Довудшо** – доктори илмҳои биологӣ, сарходими Институти биологии Помир ба номи академик Х.Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Мадаминов Абдулло Асроркулович** – номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири лабораторияи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. Раиси шуро: д.и.б., профессор, академик Якубова М.М.
2. Котиби илмии шуро: н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н.
3. Унвонҷӯ: Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои биологӣ – Мирзораҳимзода А.К., Бобоев М.Т., Алиев Қ., Юлдошев Ҳ., Якубова М.М. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ – Сатторов Раҳматулло Бобоевич шунида шуд.

Баромади муқаризони расмӣ:

1. Наврузшоев Довудшо
2. Мадаминов Абдулло Асроркулович

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Мирзораҳимзода Акобир Карим
2. Евдокимова Галина Нажмитдиновна
3. Бобоев Мариё Тиллоевич
4. Раҳимов Сафарбек

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва ҳайати он 3 – нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Бобизода Ғуломқодир Муккамал, Раҳимов Сафарбек ва Давлятназарова Зулфия Буриевна интихоб гардиданд.

Аз 16 - нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 15 - нафар иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15, муқобил - нест, бюллетенҳои тақсимнашуда – 1, беэътибор – нест.

Аъзои шурои тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз 09 июли соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника, тақризи муассисаи пешбар - **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**, суханронии муқаризони расмӣ – доктори илмҳои биологӣ, **Наврузшоев Довудшо –** сарходими Институти биологии Помир ба номи академик Х.Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ - **Мадаминов Абдулло Асроркулович –** дотсент, мудири лабораторияи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва докторони илм Мирзораҳимзода Акобир Карим, Евдокимова Галина Нажмитдиновна, Бобоев Мариё Тиллоевич, Раҳимов Сафарбекро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба талаботи бандҳои 31 ва 33–35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои биологӣ ба Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои
диссертатсионӣ д.и.б.,
профессор, академики АМИТ Якубова М.М.

Котиби шурои диссертатсионӣ
н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н.

09.07.2026 сол.